**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии муздноки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии муздноки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №16/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар марҳилаи гузариши саноатикунони қарор дошта, инкишоф додани соҳаи чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ дар ин давраи гузариш нақши муҳим дорад. Мубрамияти мавзӯъ диссертатсионӣ аз он иборат аст, дар адабиёти

ҳуқуқӣ оид ба мафҳум ва моҳияти шартномаҳо оид ба хизматрасонии муздноки байторӣ дар сатҳи монография ё рисолаҳо, инчунин масъалаҳои ҷавобгарии маданӣ, амалан ягон тадқиқот гузаронида нашудааст. Муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасониҳои муздноки байторӣ дар асоси шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ ё дар асоси талаботи қонун ба вуҷуд меоянд. Танзими ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ барои қонунгузории маданӣ падидаи нисбатан нав мебошад. Дар гузашта ин муносибатҳо тариқи меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ ба танзим даровард мешуданд. Ба ақидаи муаллифи рисолаи диссертасионӣ “Байторӣ соҳаи муҳим дар давлатҳои аграрӣ буда, дар рушд ва беҳсозии соҳаи чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ нақши муҳим мебозад. Дар чунин шароит вазифаи соҳаи байторӣ, махсусан яке аз бахшҳои амалии он – хизматрасонии байторӣ бояд ба зиёд намудани шумораи ҳайвонот ва афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти он равона карда шавад”.

Маврди қайд аст, ки Ҷумҳури Тоҷикистон тавонист, ки дар солҳои охир воридоти маҳсулоти гуштиро аз давлатҳои хориҷа кам кунад ва ин боиси он мегардад, ки хизмартасонии муздноки байторӣ дар марҳилаи инкишофи худ қарор дорад. Бинобар ин, масаъалаи баррасишаванда мавриди таваҷҷуҳи хосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, яке аз масъалаҳои муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад.

Зарурияти тадқиқоти диссертатсия бо он шарҳ дода мешавад, ки дар айни замон талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои байторӣ меафзояд. Махсусан, ин бо афзоиши некуаҳволии қишрҳои назарраси аҳолӣ, афзоиши шумораи ҳайвоноти хонагӣ ва нигаронии одамон дар бораи саломатии ҳайвоноти хонагии онҳо шарҳ дода мешавад.

Ба ақидаи муаллиф “самаранокии хизматрасонии байторӣ дар беҳтар намудани сифати маҳсулот ва ашёи хоми ҳайвонот зоҳир мешавад. Тавассути гузаронидани ташхиси байторию санитарии маҳсулоти

ҳайвонот ҷиҳати ба истеъмолкунандагон дастрас намудани маҳсулоти хушсифати ҳайвонот мусоидат менамояд.”

Аз ҷониби муаллиф ба мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври дурусту комил ишора шудааст. Муаллиф ба таври кофӣ ва қонеъкунанда дар қисмати муқаддимавии кор асоснок будани далелҳои матраҳшуда дар таҳқиқоти мавриди назарро собит намудааст.

Гуфтаҳои дар боло матраҳшуда аз мубрам будани мавзуи интихобнамудаи муаллифи рисола дарак медиҳанд.

Сохтори кори диссертатсионӣ унвонҷуй аз се боб ва ҳафт зербоб иборат аст.

**Боби якум рисолаи номзадӣ - “Моҳияти ҳуқуқии хизматрасонии муздноки байторӣ дар танзими ҳуқуқи маданӣ”** ном гирифта, аз ду зер боб иборат мебошад. Муаллиф асар, ҳамчун ананаи илмӣ – мафҳму ва аломатҳои хизматросонии муздноки байториро мавриди баррасии илмӣ қарор додааст. Ба ақидаи унвоҷуй муносибатҳои дар боло зикр гардида объекти ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб рафта, дорои хусусияти молумулкӣ мебошад, ки бевосит дар ин муносибатҳои хизматрасонии муздноки байторӣ принсипҳои муҳими шартнома дида мешавад ба монанди озодии ирода ва дахолатнакардани шахсони сеюм, зеро ки дар гузашта, чунин муносибатҳои ҳуқуқи тариқи меъерҳои маъмурӣ ба танзим даровarda мешуданд.

Ба ақидаи муаллиф ду унсури асосии соҳаи фаъликяти байториро ҷудо кардан мумкин аст – доираи донишҳои муайяни касбӣ ва фаъолияти амлӣ будани фаъолияти байторӣ, ба фаъолияти давлатӣ ва хусусӣ ҷудо кардан. Барои ба амал баровардани фаъолияти байторӣ иҷозатнома зарур аст. Бинобар ин дар ҳуқуқи маданӣ хизматрасонии байторӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқи маданӣ ва ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ эътироф мешавад.

**Дар зербоби 2-юми боби 1-ум – «Асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ дар ҶТ»** мавриди баррасӣ қарор гирифта аст. Муаллиф дар ин зербоб сарчашмаҳои муҳими ба танзим дарории соҳаи мазкурор байён кардааст. Муаллиф баён мекунад, ки "асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ – низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи хизматрасонии байторӣ мебошад, ки аз қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат аст." Дар хулосаи зербоби мазкур муаллифи рисолаи илмӣ оиди баланд бардоштани сифати хизматрасони байтории хусусӣ дар қонунгузории байторӣ боби алоҳида бо номи "фаъолитяи байтории хусусӣ" пешниҳод кардааст. Дар ин ҷиҳат унвонҷуй пешниҳоди бисёр ҳам муҳим кардаанд, зеро ки Қонуни ҶТ "Дар бораи байторӣ" коркарди зиёд талаб мекунад.

Дар боби дуюми рисолаи номзадӣ **"Шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ"** мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар зербоби якум мафҳум, табиати ҳуқуқӣ ва унсурҳои шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба ақидаи муаллиф тарафҳои шартномаро "иҷрокунанда" ва "фармоишгар" ташкил мекунанд, яъне ба сифати иҷрокунанда ташкилотҳои хусусӣ ё давлатӣ баромад мекунад. Барои баланд бардоштани сифати хизматрасонии байтори муаллифи пешнҳод мекунад, Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ» аз 29 декабри соли 2010, №674 ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мутобиқ намудани Тартиби расонидани хизмати бамузди байторӣ дар ҶТ аз 26 феврали соли 2015, №66 он дар таҳрири нав қабул карда шавад.

**Дар зербоби дуюм** мазмуни шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ таҳқиқи карда шудааст. Муаллиф мазмуни шартномаи хизматрасонии музднoки байториро ба се маъно тақсим намудааст: шартноҳои шартнома ва ҳуқуқу уҳдадории тарафайн ва ҳамчун ҳуҷҷати танзими инфиродӣ.

Муаллиф қайд мекунад, ки шартнома хизматрасонии музднoки

байторӣ иҷрокунанда (шахси хусусӣ дар симои соҳибкорӣ инфиродӣ ё ин ки мақомти давлатӣ) уҳдадор мешавад, ки хизмати байториро дар ҳаҷм, сифати муқарраршуда ва намуди муайяншуда расонад ва фармоишгар (шахсони вақеӣ ё шахсонӣ ҳуқуқӣ) уҳдадор мешавад, ки барои расонидаи хизмат мусоидат намояд ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартнома музди хизматро пардохт намояд.

Дар зербоби 3-юми боби 2-юм – **«Асосҳои бастан, тағйир додан ва бекор намудан шартномаи хизматрасонии музднοки байторӣ»** таҳлил шудааст. Маҳаки барраси ин зербоб дар он зоҳир мегардад, ки шартномаи хизматрасонии музднοки байторӣ тибқи талаботи қонунгузори бояд дар шакли хатти баста шавад, мавҷуд набудани шакли хаттӣ фармоишгарро аз ҳуқуқи истинод ба нишондоди шоҳидон ҷиҳати тасдиқи далели бастани шартнома ё шартҳои он маҳрум намесозад.

Дар боби сеюми рисолаи номазадӣ масъалаҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи хизматрасонии музднοки байторӣ таҳлил шудааст. Ин боб аз ду зербоб иборта мебошад.

Дар зербоби якумаш моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи хизматрасонии музднοки байторӣ ва дар зербоби дуюмаш хусусиятҳои ҷуброни зиён, товони зарари маънавӣ ва ноустуворона дар шартномаи хизматрасонии музднοки байторӣ пурра ва бо истифодаи амалияи судӣ таҳлил шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки дар он масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднοки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омузиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои

илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ақидаҳои назариявӣ ва маводҳои амалиро мавриди истифодабарӣ қарор додааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намудаанд.

**Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ ва бархе аз таҷрибаи судӣ аз он дарак медиҳанд, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Мундариҷаи диссертатсия аз он дарак медиҳад, ки муаллиф тавонистааст микдори зиёди маводҳо хориҷии илмиро дар мавзуъ таҳлил намояд, зеро, ки кори мазакур дар Тоҷикистон бӯри аввал аст, маври тадқиқоти илмӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсия таҳқиқоти комил ва хотимаёфтаи илмӣ буда, мазмуни ягона дорад ва он вобаста ба ҷанбаҳои мухталифи назариявию амалӣ дар шакли матраҳ гардидани суолҳои алоҳида таҳия шудааст. Саволҳои алоҳида ба ҳамдигар мутобиқат намуда, дар ҳамбастагӣ мазмуни ягона доранд ва дар маҷмуъ таҳлили илмӣ-назариявии масоили танзими ҳуқуқии хизматрасонии музднокии байториро дар бар мегиранд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия, бешубҳа арзиши илмӣ дошта, донишҳо ва ғояҳои мавҷударо дар илми ҳуқуқи маданӣ инъикос менамояд. Бевосита гуфта мешавад, ки натиҷаҳои ба даст омадаи кори диссертатсионӣ барои пешрафти институти хизматрасониҳо дар ҳуқуқи маданӣ ва бартараф кардани камбудиҳои назариявӣ ва инчунин дар бахши хусуси ба низом даровардани хизматрасониҳои байториро дар бар мегирад.

Натиҷаҳои бадастомадаи муаллиф метавонанд барои такмили маводи таълимӣ аз фанни «Ҳуқуқи маданӣ», инчунин дар бахши ухдадориҳо истифода шаванд. Дастовардҳои илмии муаллифи рисолаи илмиро барои такмили Қонуни ҶТ “Дар бораи байторӣ” истифода бурдан мумкин аст. Дар ҳар боби диссертатсия муаллиф барои такмили қонунгузории байторӣ тағйироту иловаҳои зарурӣ пешниҳод кардааст. Мисол, пешниҳоди хусусияти истилоҳи дошта, яъне иваз кардани истилоҳи “бамузд” ба истилоҳи “муздноқ” иваз карда шавад (саҳ. 18), инчуни пешниҳоди сархатҳои иловагӣ ба қонунгузории байторӣ ва ғайра, ки ҳамаи ин пешниҳодҳо барои пешраф ва инкишофи хизматрасонии байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир манфиати худро дорад.

Инчунин пешниҳоди ҳаштум ҷиҳати ворид кардани боби алоҳида ба Қонуни ҶТ “Дар бораи байторӣ” ба номи “фаъолияти байтории хусусӣ” аҳамияти ин пешниҳод дар он аст, ки дар аксари ҳолат муносибатҳои байторӣ тариқи меъёрҳои маъмурӣ ба танзим дароварда мешуданд, ташкил додани фаъляти байтории хусусӣ мушкилоҳои назаррасии ин соҳаро бартараф менамоя, умуман дигар таклифу пешниҳодҳои муаллиф аз аҳаммияти амалӣ холӣ набуда, боиси дастгирӣ мебошанд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар ин самт дар илми ҳуқуқи маданӣ мавҷудбударо пурра менамоянд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Унвонҷӯ дорои 24 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқи мадании хизматрасони муздноки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд. Аз ин теъдод, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Ҳамчунин, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти

диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ, дар шакли маърӯза дар конференсияҳои гуногуни илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст:

1. Дар прографи 1. боби 1 инкишофи асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ таҳлил шудааст. Ба назари муаллиф давраи якуми инкишофи асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ дар сарзамини тоҷикон аз давраи пайдоиш, яъне аз дунёи қадим оғоз шуда, то таъсиси ИҶШС давом менамояд. Дар ин қисмат асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ дар дунёи қадим, давраи зардуштӣ ва ислом таҳлил шуда, инкишофи асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ дар Русияи подшоҳӣ таҳлил нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар доираи таҳлили инкишофи асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ сарфи назар намудани қонунҳои Русияи подшоҳи аз имкон берун аст. Дар нимаи дуюми асри XIX ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон қисман бе восита ба ҳайати Империяи Русия дохил буда, қисман ба мустамлики у табдил дода шуда буд. Аз ин рӯ, дар Тоҷикистон ҳам ҳуқуқҳои импери паҳн гардида буд. Аз ин рӯ, қонунҳои Русияи подшоҳи дар ҳудуди Тоҷикистон паҳн мешуд. Дар баробари дигар соҳаҳо, қонунҳои байтории Руссияи подшоҳӣ дар ин сарзамин амал мекарданд. Дар Руссияи подшоҳӣ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиё қабул шуда буданд, муносибатҳои байтоиро ба танзим медароварданд. Махсусан, маҷмуаи қонунҳои (1649) -и подшоҳ Алексей Михайлович Романов ёдовар шудан мумкин аст.

2. Дар зербоби 2 боби 3 ноуstуворона ҳамчун яке аз тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ дар шартномаи хизматрасонии музднокӣ байторӣ

таҳлил мешавад. Дар доираи ин қисми рисола муаллиф пешниҳод менамояд, ки «бинобар бештар ҳолат дар шакли хаттии оддӣ, аз ҷумла дар шакли додани чеки хазинавӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои намунаашон муқарраршуда баста шудани шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ ва дар он муқаррар нагардидани ҷавобгарӣ дар шакли ноустуворона хизматрасонӣ аз ҷониби иҷрокунанда ба таври дахлдор иҷро намегардад. Бинобар ин зарур аст, ки барои иҷро накардан ва ё ба таври ғайридахлдор иҷро кардани ин шартнома ҷавобгарӣ дар шакли ноустуворонаи қонунӣ муқаррар карда шавад» (саҳ. 170). Дар ин хулосабарории муаллиф ба таври дақиқ муайян накардааст, ки дар кадом қонун ноустуворонаи қонунӣ барои шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ муқаррар карда шавад, ки ин баҳснок мебошад. Аз ин рӯ, муаллиф оид ба ин масъала мавқеи худашро мушаххас намояд.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд. Ин нахустин омӯзиши ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо забони давлатӣ мебошад, ки бо навоварӣ ва хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллиф фарқ мекунад ва рисолаии илмиро ҳамчун як таҳқиқоти илмии мустақил, эҷодкорона ва мукаммал таҳқиқ намудааст ва ба тамоми талаботҳо ҷавобгӯ аст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар мавзуи “Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба

ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз - хулоса.** Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат карда, боис мегарданд, ки падидаи мазкур дар илми ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илми қонунгузории ватанӣ, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд.

Ҳамзамон, хулоса ва натиҷаҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва дигар институтҳои соҳаи ҳуқуқи хусусӣ, инчунин ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти унвонҷу нишон медиҳанд.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дарадахои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждановӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриз мустақилона ва дар асоси муқаррароти мавҷуда, хусусан банди 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва манзур гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи
факултети ҳуқуқшиносии Академия
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоев П.И.

**Имзои Мирзоев П.И.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Ф.З.

Суроға: 734003, ш. Душанбе, Саид Носир 33, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисто. Тел: 224-17-86, 224-83-93 (факс), email: info@ipa.tj.

03. 09. 2024